آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Банӣ одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

15 июли соли 2026 Чоршанбе
№ 56 (15275)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БА АМИР ВА МАРДУМИ ҚАТАР ҲАМДАРДӢ ИЗҲОР НАМУД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 14 июл бо мақсади изҳори ҳамдардӣ дар робита ба даргузашти Амири собиқи Давлати Қатар Шайх Ҳамад бин Халифа Ол Сонӣ ба шаҳри Доҳа омад.***



Дар фурудгоҳи байналмилалии Ҳамад сарвари давлати моро муовини Сарвазир, вазири мудофиаи Қатар Шайх Сауд бин Абдурраҳмон Ол Сонӣ ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар қасри Лусаил бо Амири Давлати Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ мулоқот анҷом дод.

Дар оғози суҳбат Президенти Ўзбекистон ба Амири Қатар ба муносибати даргузашти падараш ҳамдардии амиқ изҳор намуд.

Таъкид гардид, ки Шайх Ҳамад Ол Сонӣ арбоби барҷастаи сиёсӣ буд, ки дар дастовардҳои таърихии Давлати Қатар, корҳои бузурги созандагӣ, татбиқи ислоҳоти фарогири иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими нуфузи байналмилалии кишвар саҳми бузург гузоштааст.

Ҳамчунин саҳми арзишманди Ҷаноби Олӣ дар рушду таҳкими дӯстии наздик ва ҳамкории ҳамаҷонибаи байни давлатҳоямон махсус таъкид карда шуд.

Президенти кишвари мо ҳамчунин зикр намуд, ки имрӯз Қатар дар таъмини сулҳу субот дар минтақа нақши муҳим мебозад ва падидаи бонуфузе бо номи «овози Доҳа» дар арсаи байналмилалӣ шакл гирифтааст.

Сарони ду давлат масъалаҳои таҳкими минбаъдаи шарикии стратегӣ байни Ўзбекистон ва Қатар, ба сатҳи нави сифатӣ баровардани ҳамкории гуногунҷанбаро баррасӣ намуда, инчунин оид ба рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом доданд.

Дар навбати худ, Амири Қатар ба Президенти Ўзбекистон барои сафари шахсӣ, изҳори ҳамдардии самимӣ ва дастгирии дӯстона дар ин рӯзҳои душвор изҳори сипоси амиқ намуд.

Дар анҷоми мулоқот Сарвари давлати мо Амирро даъват намуд, ки дар вақти барояш муносиб ба Ўзбекистон ташриф оварад.

Бо ҳамин сафари Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Давлати Қатар анҷом ёфт.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ИҚТИДОРИ БУЗУРГИ РУШДИ ҲАМКОРӢ БО ВИЛОЯТИ ТОСКАНА ТАЪКИД ГАРДИД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 14 июл ҳайати Итолиёро таҳти роҳбарии губернатори вилояти Тоскана Эуҷенио Ҷани, ки бо сафари корӣ ба кишвари мо ташриф овардааст, пазируфт.***

Дар мулоқот масъалаҳои рушди минбаъдаи шарикии стратегии Ўзбекистону Италия, пеш аз ҳама дар бахшҳои тиҷорату иқтисод, сармоягузорӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ баррасӣ шуданд. Ба густариши ҳамкориҳои байни минтақаҳо таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Бо қаноатмандӣ таъкид шуд, ки робитаҳои дуҷониба дар ҳама сатҳҳо фаъол гардида, нишондиҳандаҳои асосии ҳамкорӣ босуръат рушд доранд. Ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар аз аввали соли ҷорӣ 25 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар Ўзбекистон бо иштироки ширкатҳои пешрафтаи итолиёвӣ лоиҳаҳо дар соҳаҳои металлургия, энергетика, кишоварзӣ, саноати кимиё ва дигар бахшҳои иқтисод бомуваффақият амалӣ мешаванд.

Зикр гардид, ки Ўзбекистон ва Тосканаро робитаҳои бисёрасраи таърихиву фарҳангӣ ба ҳам мепайванданд. Дар давраи Роҳи бузурги абрешим миёни Флоренсия ва шаҳрҳои қадимаи Ўзбекистон савдои фаъол ҷараён дошт ва тоҷирону дипломатҳои флоренсӣ дар дарбори Амир Темур пазируфта мешуданд.

Имрӯз дар шаҳри Тошканд филиали Донишгоҳи Пиза бомуваффақият фаъолият мекунад, ки имсол аввалин хатмкунандагони худро ба бозори меҳнат мебарорад. Дар шаҳри Прато Хонаи савдои маҳсулоти нассоҷии Ўзбекистон амал мекунад. Соли 2024 дар Галереяи Уффитсӣ дар шаҳри Флоренсия намоишгоҳи асарҳои санъати авангарди Ўзбекистон баргузор гардид.

Дар мулоқот имкониятҳои бузурги рушди ҳамкорӣ бо вилояти Тоскана дар соҳаҳои саноати нассоҷӣ, чармгарӣ, хӯрокворӣ ва заргарӣ, сохтмон, инчунин дар бахшҳои маориф, фарҳанг ва сайёҳӣ таъкид шуданд.

Ҳамчунин ба рушди муносибатҳои шарикӣ ва ба имзо расидани созишномаи ҳамкорӣ байни вилояти Тоскана ва вилояти Бухоро баҳои баланд дода шуд.

Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки «харитаи роҳ»-и муштарак таҳия ва қабул карда шавад, ки татбиқи лоиҳаҳо ва ташаббусҳои нави ҳамкорӣ байни Тоскана ва минтақаҳои кишвари моро пешбинӣ мекунад.

Вилояти Тоскана яке аз минтақаҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафтаи Италия буда, дорои иқтидори пурқуввати саноатӣ, истеҳсолоти технологияҳои баланд, кишоварзии муосир, шаробсозии машҳури ҷаҳонӣ ва соҳаи сайёҳии рушдёфта мебошад.

Пойтахти минтақа — Флоренсия ҳамчун гаҳвораи эътирофшудаи давраи Эҳё (Ренессанс) шинохта шуда, дар рушди фарҳанг, илм ва санъати ҷаҳон саҳми бузург гузоштааст.

**ЎзА.**

*Президент Илҳом АЛИЕВ:*

## АВВАЛИН КУМАК БАРОИ БАРҚАРОРСОЗИИ ҚАРАБОҒ АЗ ҶОНИБИ ЎЗБЕКИСТОН РАСИД

***13 июл Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев зимни суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Форуми ҷоруми ҷаҳонии расонаҳо дар шаҳри Шуша таъкид намуд, ки рушди муносибатҳо бо Ўзбекистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Озарбойҷон мебошад.***

«Дӯстии шахсии мо бо Президенти муҳтарам Шавкат Миромонович муносибатҳои ду кишварро ба сатҳи боз ҳам баландтар баровард. Мехоҳам махсус қайд намоям, ки дар барқарорсозии Қарабоғ аввалин шуда маҳз Президенти Ўзбекистон ба мо кумак расонд. Дар шаҳри Фузулӣ мактаби зебо ва замонавии ба номи Мирзо Улуғбек бунёд гардид ва мо онро якҷоя бо Шавкат Миромонович ифтитоҳ кардем. Пас аз он дигар давлатҳои бародар – Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон низ ба мо туҳфаҳои арзишманд тақдим карданд. Аммо аввалин кумак маҳз аз ҷониби Ўзбекистон расид», – гуфт роҳбари Озарбойҷон.

Президент Илҳом Алиев инчунин таъкид кард, ки ду кишварро риштаҳои амиқи таърихӣ ба ҳам мепайванданд ва рушди ҳамкориҳо бо Ўзбекистон барои Озарбойҷон яке аз самтҳои асосии афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Роҳбари Озарбойҷон таваҷҷӯҳро ба он ҷалб кард, ки рисолати бародаронаи Ўзбекистон танҳо бо мактабҳо маҳдуд намешавад. Аввалин корхонаи бузурги саноатӣ дар шаҳри Ханкендӣ, корхонаи дӯзандагӣ низ бо сармоягузории Ўзбекистон ба фаъолият оғоз кард.

«Айни ҳол лоиҳаҳои зиёди иқтисодӣ ва саноатӣ амалӣ мешаванд, ки дар онҳо ҳам сармояи Озарбойҷон ва ҳам сармояи Ўзбекистон ҷалб гардидааст. Мо фонди муштараки сармоягузориро бо сармояи оинномавии 500 миллион доллар таъсис додем. Фонди мазкури сармоягузорӣ ҳам дар Ўзбекистон ва ҳам дар Озарбойҷон бо татбиқи лоиҳаҳои гуногун машғул аст. Имрӯз ширкати давлатии нафти Озарбойҷон – SOCAR барои корҳои ҷустуҷӯии яке аз конҳои муҳими Ўзбекистон сармоягузорӣ мекунад ва мо умедворем, ки дар ояндаи наздик аз натиҷаҳои хуб хабар хоҳем гирифт. Имрӯз масъалаҳои амнияти энергетикӣ, бахусус таъмини газ, барои бисёр кишварҳо аҳамияти калон доранд ва бовар дорем, ки корҳои иктишофӣ дар кони «Устюрт» натиҷаҳои мусбат хоҳанд дод», – гуфт Президенти Озарбойҷон.

Роҳбари Озарбойҷон ҳамчунин ба таъсиси формати ҳамкории «Озарбойҷон – Осиёи Марказӣ» таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид кард, ки дар ташаккули ин ташаббус саҳми Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев хеле назаррас аст.

«Озарбойҷон аллакай ҳамчун узви комилҳуқуқ ба ин Шӯрои машваратӣ пайваст. Маро ду маротиба ба нишастҳои сарони давлатҳо ҳамчун меҳмони фахрӣ даъват карданд. Дар ҳамоиши охирин Шӯрои ягонаи машваратии «Озарбойҷон – Осиёи Марказӣ» таъсис дода шуд. Ин барои мо мояи ифтихор ва хушнудии бузург аст. Метавонам бигӯям, ки ин воқеаи нодир мебошад, зеро аз лиҳози ҷуғрофӣ мо дар Қафқози Ҷанубӣ ҷойгирем. Аммо робитаҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва этникии мо чунон мустаҳкаманд ва муносибатҳои сиёсӣ то ин ҳад густурдаанд, ки кишварҳои дӯст дар Осиёи Марказӣ моро ба ин формат пазируфтанд», – гуфт Илҳом Алиев.

Ба андешаи Илҳом Алиев, чунин муносибатҳо имрӯз ба равандҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ низ таъсири мусбат мерасонанд, зеро бо ин роҳ Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон дар як фазои ягонаи иқтисодӣ ва сиёсӣ муттаҳид мегарданд.

Тавре таъкид гардид, «дурбинӣ ва ҷаҳонбинии стратегии Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар пешбурди ин раванд нақши бисёр муҳим бозид».

«Сазовори эътироф аст, ки халқу давлати бародари Ўзбекистон таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев бо эътимод ва муваффақият ба пеш қадам мегузоранд», – хулоса кард Президенти Озарбойҷон.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри БОКУ.*

## ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ НАФАҚА БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо рӯнамоии пешниҳодҳо оид ба ислоҳоти низоми нафақа шинос шуд.***

Дар даҳ соли охир ҳаҷми нафақа дар кишвари мо 3,3 баробар афзоиш ёфта, ҳадди ақали нафақа аз сатҳи ҳадди ақали хароҷоти истеъмолӣ болотар муқаррар гардидааст. То соли 2021 нафақаи 1,1 миллион шаҳрванд камтар аз 400 ҳазор сӯмро ташкил медод. Имрӯз ҳадди ақали нафақа 878 ҳазор сӯм ва ҳадди ақали хароҷоти истеъмолӣ 715 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад.

Дар ҷараёни рӯнамоӣ қайд гардид, ки дар кишварҳое, ки низоми нафақаи ғунгарданда рушд кардааст, маблағҳои нафақа ҳамчун манбаи дарозмуддати рушди иқтисодиёт хидмат мекунанд.

Тибқи ҳисобҳо, дар сурати ташкили дурусти низоми нафақа дар кишвари мо низ метавон ба иқтисодиёт захираҳои молиявии дарозмуддат ҷалб намуд. Ин хулосаро коршиносони Хазинаи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд ва Созмони байналмилалии меҳнат низ тасдиқ мекунанд.

Дар робита ба ин зарурати ислоҳоти низоми нафақа дар асоси таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ, инчунин рушди низомҳои нафақаи ғунгарданда, хусусӣ ва корпоративӣ таъкид гардид.

Дар ҳоли ҳозир ба ҳисоби нафақаи ғунгардандаи шаҳрвандон 0,1 фоизи музди меҳнати онҳо гузаронида мешавад. Даромаднокии солонаи ин маблағҳо, ки 10 фоизро ташкил медиҳад, тақрибан ду баробар аз даромаднокии пасандозҳои бонкӣ пасттар аст.

Пешниҳод гардид, ки механизмҳои нави баланд бардоштани ҷолибияти ин низом ва ҳавасмандгардонии иштироки фаъоли аҳолӣ ҷорӣ карда шаванд.

Аз ҷумла, пешбинӣ мешавад, ки агар шаҳрвандони музди меҳнати моҳонаашон то 7,6 миллион сӯм (15 воҳиди базавии ҳисобкунии нафақа) 5 фоизи даромади худро ба ҳисоби нафақаи ғунгарданда гузаронанд, давлат ба таври иловагӣ ба андозаи 2,5 фоиз маблағ ҷудо мекунад.

Барои шаҳрвандони музди меҳнати моҳонаашон беш аз 7,6 миллион сӯм, пешниҳод шудааст, ки 1 фоизи андози иҷтимоии пардохтшударо ба ҳисоби нафақаи ғунгардандаи онҳо интиқол диҳанд.

Ҳамчунин ба масъалаҳои такмили тартиби ҳисобкунии нафақа таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Дар айни замон нафақа аз рӯи музди меҳнати ҳар кадом панҷ соли фаъолияти меҳнатӣ дар давоми даҳ соли охир ҳисоб карда мешавад. Илова бар ин, қисми музди меҳнате, ки аз 6 миллион сӯм зиёд аст, ҳангоми ҳисоб ба назар гирифта намешавад. Дар баъзе ҳолатҳо ин боиси коҳиш ёфтани ҳаҷми миёнаи нафақаи шаҳрвандон мегардад.

Пешниҳод шуд, ки муҳлати музди меҳнате, ки ҳангоми ҳисобкунии нафақа ба инобат гирифта мешавад, аз 5 сол ба 20 сол зиёд карда шуда, инчунин баъзе давраҳое, ки даромади паст доранд, аз ҳисоб хориҷ карда шаванд.

Ғайр аз ин, аз соли 2027 пешбинӣ шудааст, ки ҳадди болоии музди меҳнате, ки барои ҳисобкунии нафақа ба назар гирифта мешавад, аз 6 миллион то 6,6 миллион сӯм баланд бардошта шавад.

Тибқи ҳисобҳо, ин тартиби нав метавонад ҳаҷми нафақаи шаҳрвандоне, ки минбаъд ба нафақа мебароянд, то 8 фоиз зиёд намояд.

Роҳбари давлати мо таъкид кард, ки тағйирот дар низоми нафақа ба ҳаёт ваояндаи миллионҳо шаҳрвандон дахл дорад ва зарурати бодиққат ҳисоб кардани таъсири иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар як пешниҳодро зикр намуд.

Ҳамчунин вазифа гузошта шуд, ки чунин масъалаҳо бо иштироки аҳолӣ, ҷомеаи васеъ, воситаҳои ахбори омма ва блогерҳо ошкоро муҳокима гардида, ҳадаф ва натиҷаҳои интизории ислоҳот ба шаҳрвандон равшан фаҳмонда шаванд.

Ба масъулон супориш дода шуд, ки таҷрибаи пешрафтаи хориҷиро ҳамаҷониба омӯзанд ва лоиҳаи қонунро оид ба таъсиси низомҳои нафақаи хусусӣ ва корпоративӣ тақдим намоянд.

**ЎзА.**

# «ЯК БОР ҶАСТӢ, МАЛАХАК...»

### ё худ боз дар хусуси худсариҳои ходимони гумрук дар сарҳад

***Мушкилоти убуру мурури марзи миёни Ӯзбекистон бо Қирғизистон аз тариқи посгоҳҳои марзии «Водил – Қадамҷо» ва «Риштон – Қайтпас», ки вилоятҳои Фарғона ва Боткандро бо ҳам васл менамоянд, барои мусофирони зиёд ташвишу нигарониҳоро ба бор меоварданд. Дар ин бора сокинони ноҳияи Сӯх ва деҳаҳои Шоҳимардону Ёрдони ноҳияи Фарғона аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ борҳо бонги изтироб задаанд ва мақомоти роҳбарии Қирғизистонро водор намудаанд, ки банавбатпоиҳои сунъӣ, тамаъгариҳои марзбонону гумрукчиёни худ хотима бахшад, вагарна ин раванд ба зуҳури норизоиҳои бештар сабаб хоҳанд шуд.***

– То ба наздикӣ дар ин робита аз тарафи мақомоти Қирғизистон ягон иқдоми ҷиддӣ ба вуқӯъ напайваст. Аммо боздошти як гурӯҳи калони марзбонону гумрукчиёни қирғиз, ки ошкоро навбатҳои сунъиро ташкил мекарданд ва баъд ба ришвафитониву аз роҳи таҳдид ба даст овардани маблағҳои зиёд машғул мешуданд, боис шуд, ки вазъият дар посгоҳҳои марзии мову Қирғизистон ба эътидол ояд, – мегӯяд фаъоли ҷомеа, блогнавис Субҳонҷон Исоев.

Вай меафзояд, ин дар ҳоле сурат мегирифт, ки роҳбарони Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон созишномаро дар бораи нуқтаи пайванди марзҳои се кишвар имзо карданд. Ин маросим дар вилояти Суғди Тоҷикистон 31-уми марти соли сипаришуда баргузор шуда буд. Роҳбарони се кишвар арзишҳои накӯҳамсоягӣ, бародарӣ, эҳтиром ва ҳимояи манфиатҳои ҳамдигарро дар меҳвари асосии он қарор доданд. Аммо вазъияти убуру мурури марз миёни Ӯзбекистон ва Қирғизистон аз тариқи посгоҳҳои «Водил-Қадамҷо» ва «Риштон-Қайтпас» ҳаргиз рӯ ба беҳбудӣ намеовард.

Дар ҳақиқат, ҳар се кишвари Осиёи Марказӣ дар гузашта бар сари таъйини марз ва убуру мурур аз қаламравҳои якдигар мушкилот доштанд ва дар ҷараёни мулоқотҳои зиёди сатҳҳои гуногун ин мавзӯъ дар қолабҳои гуногун мавриди баррасиҳо қарор мегирифт. Ҳатто чунин бетаваҷҷуҳиҳо ва номуайяниҳо дар панҷ соли пеш дар сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон сабаби задухӯрдҳои мусаллаҳона гашт.

Пӯшида нест, ки «Овози тоҷик» дар бораи ин мавзӯъ чанд бор гузоришҳо интишор намудааст.

Нигорандаи ин сатрҳо низ вақти сафар ба ноҳияи Сӯх борҳо шоҳиди навбатпоиҳои бисёрсоата дар ҳавои сард ё гармои тобистон, ришвафитониҳо аз ронандагони сӯхӣ ва муомилаи сарди марзбонону гумрукчиёни кишвари ҳамсоя шудааст ва ба нишони эътироз онҳоро аз ғайриқонунӣ будани амалҳояшон огоҳ намудааст. Аммо «буз дар ғами ҷону қассоб дар ғами чарбу» – ин шикояту эътирозҳо ба аксари марзбонону гумрукчиён кора намекард ва дар амали зишти худ худро хеле озод ҳис мекарданд.

«Давидани гӯсола то каҳдон» гуфтаанд. Оқибат коре шудааст, ки боиси хушҳолиҳои мусофирон гардидааст. Яъне дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳои боздошти марзбонону гумрукчиёни қирғиз дар нуқтаҳои гузаргоҳи марзи Қирғизистон ва Ӯзбекистон сабт шудаанд. Дар ин амалиёт 27 нафар бо гумони фасоду ришвафитонӣ боздошт шудаанд. Дар аввали навор омадааст, ки марзбонон аз ронандагон ва мусофирони дигар озодона ғайриқонунӣ пул меситонанд – ин ҷараён дар камераҳои назоратӣ хеле хуб сабт шудаанд.

Тавре ки сомонаҳои қирғизӣ, мисли «basty.kz», «Ктрк.кг» ва амсоли он менависанд, ки Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон амалиёти зиддифасодро дар нуқтаҳои гузаргоҳии «Қадамҷой» ва «Чечме» дар минтақаи Бодкант гузарониданд ва пас аз боздоштҳо 27 хизматчиро барои бозпурсӣ бурдаанд. Ҳангоми боздошт тирпарронӣ рух додааст.

Дар гузаргоҳи «Қадамҷой – Автодорожний» прапоршик Ш. Р., ки дар посгоҳ кор мекард, чор тир ва сержант Р. як тири огоҳкунанда ба ҳаво паронд. Сабаби тирпарронӣ ҳоло тафтиш мешавад. Тибқи иттилои манбаъҳо, дар гузаргоҳи «Чечме – Автодорожний» прапоршик С.Н. ва ефрейтор Р.Б. ҳангоми гирифтани ғайриқонунии пул дар камера сабт ёфтаанд. Ҳангоми кофтуков, аз қуттии дастпӯшаки мошини марзбонон 38 500 соми қирғизӣ, 5 миллиону 484 000 сӯми ӯзбекӣ ва чанд сӯм ва доллари дигар мусодира карда шудааст. Ду адад туфангчаи автоматии АК74, ду магазин ва 60 тир низ аз пеши марзбонони ин посгоҳҳо мусодира гардидааст.

Дарвоқеъ, дар ҷараёни амалиёти махсус ҳарду нуқтаи назоратӣ муваққатан баста шудаанд ва ҳаракати нақлиёт тавассути шоҳроҳи «Қадамҷой» баъд дубора барқарор карда шудааст.

Интизор меравад, ки Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон аз натиҷаи тафтиши боздоштшудагони ин ҳодиса вокуниши расмӣ эълом хоҳад дошт. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Як бор ҷастӣ, малахак, ду бор ҷастӣ, малахак, охир ба дастӣ, малахак!»

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



*Ноҳияи Олтиариқи вилояти Фарғона ҳамчун минтақае эътироф шудааст, ки дар он токпарварӣ аз замонҳои қадим рушд карда, дар ин самт мактаби беназире низ офарида шудааст. Навъҳои ширину болаззати ангур, ки дар ин ҷо парвариш карда мешавад, на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар хориҷи кишвар низ арзиши баланд дорад.*

*Имсол боғбони ботаҷриба аз маҳаллаи Чордараи ноҳия Ҳасанбой Маматқулов аз токзори наздиҳавлии худ ҳосили бобаракот ба даст овард. Ҳоло навъи машҳури «Ризамат ота», ки дар ин ҷо парвариш карда мешавад, пурра пухта расида, ҳосил барои содирот омода карда мешавад.*

*Имрӯз токпарварӣ дар Олтиариқ на танҳо анъанаи қадимӣ аст, балки он ба як соҳаи муҳим табдил меёбад, ки ба афзоиши иқтидори содиротӣ, шуғл ва даромади аҳолӣ хизмат мекунад. Маҳсулоти босифат ва рақобатпазир нуфузи бренди «Ангури Олтиариқ»-ро дар бозори байналмилалӣ боз ҳам тақвият мебахшад.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ЛОИҲАҲОИ БУЗУРГ ДАР НОҲИЯИ САЙҲУНОБОД

***Солҳои пеш қисми зиёди муроҷиати шаҳрвандон новобаста аз он ки ба кадом идора, ташкилот ё корхонаву коргоҳ марбут буд, ҳалли худро намеёфт. Ё худ барои мурoҷиат ва ҳаллу фасли он вақти бисёр, ҳатто солҳо сарф мегардид. Ҳоло бошад, бинобар ғояи Президент Шавкат Мирзиёев «Халқ ба мақомоти давлатӣ не, балки мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хидмат намоянд» масъала ранги дигар гирифтааст.***

Дар арафаи 35-умин солгарди истиқлоли мамлакатамон ҳокими вилояти Сирдарё Эркинҷон Турдимов аз ноҳияи Сайҳунобод дидан кард. Дар рафти он бо рафти татбиқи лоиҳаҳо, бунёди иншоотҳои иҷтимоӣ ва таъмини аҳолӣ бо шуғл аз наздик шинос шуд.

Яке аз лоиҳаҳои бузурге, ки ҳоло дар сатҳи вилоят мавриди баррасӣ қарор дорад, азхудкунии мавзеи Чуқурсой мебошад, ки татбиқи он барои бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолии ин мавзеи ноҳия мусоидат мекунад.

– Дар ин мавзеъ як гурӯҳ бошандагон бо парвариши маҳсулоти полизӣ машғуланд. Парвариши тарбузу харбуза, карам, каду, картошка, қаламфури булғорӣ ва ҳосили баланди онҳо некӯаҳволии хонаводаҳоро баланд мегардонад, – мегӯяд ҳокими ноҳия Комилҷон Муллоҷонов. – Гармхонаҳое, ки дар 40 гектари мавзеи Чуқурсой ба мушоҳида мерасад, маҳз бар асоси қарзҳои имтиёзнок бунёд мегарданд. Дар ин ҷо ба эҳтиёҷмандон 10-сотихӣ заминҳои азхудшуда тақсим шудааст, то ки онҳо гармхонаҳо барпо намуда, парвариши лимӯ, помидор ва бодирингҳои серҳосилро ба роҳ монанд.

Маълум шуд, ки дар мавзеи Чуқурсой бар асоси супориши роҳбари вилоят корҳои азхудкунӣ ва обёрии заминҳои бекорхобида вусъати тоза гирифтанд.

Таъкид гардид, ки ҳодисаи хурсандибаше, ки дар остонаи 35-умин солгарди истиқлол дар ноҳия рӯй медиҳад, хатнасурии чандин нафар кӯдакони оилаҳои камбизоату эҳтиёҷманд мебошад.

– Аксарияти ин кӯдакон дар муассисаҳои таълими томактабӣ таълиму тарбия мегиранд. Метавон гуфт, ки хатнасурии ин кӯдакон ифодаи равшани ғамхориҳои зиёд нисбати насли навраси кишвари соҳибистиқлоламон мебошад, – гуфт мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия Нодир Мирзоев.

Дарвоқеъ, чанде пеш дар ноҳия биноҳои чорошёна ва панҷошёнаи истиқоматӣ қомат афрохтанд, ки ҳоло оилаҳои зиёд дар он зиндагонӣ мекунанд. Дар атрофи ин биноҳо дӯконҳои бошукӯҳи замонавӣ сохта шудааст.

– Ҳанӯз нақшаҳои мо зиёданд. Сохтмони чунин иморатҳои истиқоматӣ ва иншоотҳои маъмуриро идома медиҳем, – таъкид кард ҳокими ноҳия. – Ҳоло боз чандин маросими идона, кушоиши биноҳои мактаб ва кӯдакистон дар пеш аст.

Ба истифода дода шудани ин иншоотҳо боиси афзоиши шумораи муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия хоҳад гардид.

Дар рафти сафар роҳбарияти вилоят барои гузаронидани қабули сайёр ба маҳаллаи Синтоби ноҳия ташриф овард. Чорабинӣ дар ҳавлии мактаби рақами 34-ум баргузор гардид. Бошандагони маҳалла ба мутассадиён бо чандин масъалаву мушкилот ва таклифу пешниҳодҳо мурoҷиат карданд.

Қисми асосии муаммоҳои онҳо оид ба кумакпулӣ, нафақа, хонаву ҷой, гирифтани вомҳои имтиёзнок, таъминоти газу барқ, мумфарш кардани роҳҳо, ҷудо намудани қитъаҳои наздиҳавлигӣ ва беҳтар кардани хидматрасонии тиббӣ марбут буданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

*Пайроҳаҳои сайёҳӣ*

# ХАТСАЙРҲОИ ДИЛНИШИНУ ГУВОРО

***Дар асоси қарори Президент аз 6-уми феврали соли 2024 «Дар бораи чораҳои ташкили фаъолияти минтақаи сайёҳию истироҳатии «Оҳалик – Оқбӯрё – Миронқул» барои намояндагони расонаҳои ахбор ба ноҳияи Самарқанд пресс-тур ташкил шуд.***

Тадбир аз зиёрати маҷмӯаи таърихии Хоҷа Аҳрори Валӣ оғоз ёфт. Ҷонишини имом-хатиби масҷиди ҷомеъ ҳоҷӣ Умархон Воҳидов ба ҳозирон оид ба зиёратгоҳ маълумот дод. Иштирокчиён мадрасаи Нодир Девонбегиро низ зиёрат намуданд.

Дар минтақаи хушҳавои Миронқул қариб дар 50 гектар заминҳои кӯҳсор корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар рушду нумӯъ аст.

– Дар ин ҷо ҷиҳати шароит фароҳам овардан барои истироҳату фароғати сайёҳон ва табобат аз бемориҳои роҳи нафас қариб 10 миллион доллар маблағ харҷ гардид, – иттилоъ дод директори минтақаи истироҳату барқарорсозии саломатии «Оҳалик – Оқбурё –Миронқул» Фаридун Ҳотамов, – 50 иншооти истироҳату табобатӣ ва ду меҳмонхона қад афрохт. Минтақа дар як сол ба 420 ҳазор нафар сайёҳон хизмати шоиста мерасонад. Аз ҳама муҳимаш 800 нафар бо меҳнати фоиданок машғул мешаванд.

Бо кумаку дастгирии мардуми Миронқул дар гирду атрофи маҷмӯаи истироҳатии «Edelweiss» беш аз 70 ҳазор бех ниҳолҳои манзаравӣ ва сояафкан, хосатан арча сабзонида, ин иқдоми нек идома хоҳад ёфт. Барои хушк ва нобуд нашудани дарахтони манзаравӣ чакраобёрӣ ҷорӣ гардид.

Сипас дар деҳаи Оқбӯрё бо ҳокими ноҳияи Самарқанд Сироҷиддин Усмонов анҷумани матбуотӣ ба вуқӯъ пайваст.

– Ноҳияи мо камарбанди сабзу тиллоии Самарқанд буд ва хоҳад монд – иброз дошт Сироҷиддин Хайруллоевич, – имрӯзҳо ноҳия ғайр аз нигоҳ доштани мавқеи худ дар соҳаи кишоварзӣ, боғдорӣ, ба рушди туризм диққату эътибор медиҳад. Бо мақсади рушди минбаъдаи сайёҳӣ дар се маҳалла – Оҳалик, Оқбӯрё ва Миронқул 185 лоиҳаи нав амалӣ хоҳад шуд. Аллакай аз буҷети ҷумҳурӣ барои рушди лоиҳаи сайёҳӣ 34 миллиард сум ҷудо шудааст. Ин маблағ барои таъмиру равон гардидани роҳ, таъминот бо оби ошомидани, неруи барқ ва инфрасохтори муҳандисӣ истифода мешавад.

То охири сол дар ноҳияи Самарқанд ба истифода супурдани 9 меҳмонхона, 36 хостел ва 96 меҳмонхонаҳои оилавӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар натиҷа мо метавонем дар як вақт қариб 25 ҳазор нафар сайёҳонро қабул намоем. Агар тамоми иншоотҳои истироҳату табобатӣ ба истифода супурда шавад, 2 ҳазор нафар шахс бо меҳнати фоиданок машғул ва даромади иловагӣ ба 67 миллион сӯм мерасад.

Бояд гуфт, ки бо дастгирӣ ва ташаббуси сарвари давлатамон Самарқанд ба маркази сайёҳӣ табдил ёфта, дар ин самт лоиҳаҳои самарабахш ба ҳаёт татбиқ мегарданд, – гуфт ҳоким.

Боиси хушнудист, ки дар шаш моҳи соли равон ба шаҳри Самарқанд қариб 3 миллион нафар меҳмонону зиёратчиён омадаанд, ки ин нишондод, нисбат ба соли гузашта қариб ду баробар афзоиш ёфтааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**



# НАМУДИ МАҲСУЛОТ МЕАФЗОЯД

***Дар ноҳияи Уйчӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ сол аз сол афзоиш ёфта, ҷойҳои нави корӣ таъсис меёбанд.***

Ба қарибӣ ба оғози фаъолияти корхонаи «Баркас-текс» як сол пур мешавад.

Корхона асосан ба истеҳсоли дастмол ва матоъ машғул аст. Дар коргоҳ 30 дастгоҳи бо ҳамкории Италия ва Чин истеҳсолшуда насб карда шуда, 55 ҷойи кори доимӣ таъсис ёфта буд. Айни замон дар як моҳ 130 тонна маҳсулот истеҳсол шуда, ба Русия, Италия ва Олмон содир карда мешаванд.

Дар сехи дӯзандагӣ, бофандагӣ ва ресандагии ширкат 850 нафар сокинони маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин карда шудаанд.

Коргоҳи дӯзандагие, ки 6 моҳ пеш ба кор шурӯъ карда буд, понздаҳ намуди маҳсулоти бофандагӣ истеҳсол мекунад. Айни замон дар ин ҷо 300 нафар зану духтарон ба таври доимӣ кор мекунанд

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА,**
*вилояти НАМАНГОН.*

*Як қатра об – ҳазор неъмат*

# «БА ОБ ТУФ МАКУН, УБОЛ АСТ»

***Об яке аз неъматҳои бузургтарини табиат аст. Бе он на инсон зиндагӣ карда метавонад, на табиат сабзу хуррам мегардад. Аз ҳамин сабаб, гузаштагони мо ҳамеша обро муқаддас донистаанд ва ба он бо эҳтироми махсус муносибат кардаанд. Ҳикмати халқӣ «Ба об туф макун, убол аст», на танҳо як насиҳат, балки як дарси бузурги зиндагӣ мебошад.***



Мардум дар тӯли асрҳо аз таҷрибаи зиндагии худ ба хулоса омадаанд, ки об бояд ҳифз ва эҳтиром карда шавад. Беҳуда мақолҳои зиёди халқӣ, аз ҷумлаи «Қадри обро ташна медонад», «Об – манбаи ҳаёт», «Як қатра об – ҳазор неъмат», «Обро ифлос макун – зиндагиро ифлос мекунӣ» ба миён наомадаанд. Ин ҳикматҳо моро ба он даъват мекунанд, ки обро сарфа намоем ва ба исрофи он роҳ надиҳем.

Тоза нигоҳ доштани об ва муқаддас шумурдани он, қимат донистани ҳар қатраи ин муъҷизаи бузург қарзи ҳар як инсони боимон ва асил аст, зеро об на танҳо манбаи ободӣ, балки маъхази нуру рӯшноӣ ва маҳсули шодиҳои олами ҳастист. Мо аз сероб будани сарзамини бузургамон бояд ҳамеша бифахрем, зеро Худованди меҳрубон ин неъмати бузургашро бароямон ройгон бахшидааст. Об аст, ки кулли мавҷудоти олам дар афзоишу рушду нумӯъ ва поянадагии ӯ қарор дорад. Об аст, ки инсон дар дами марг қатрае аз он меошомад. Об аст, ки гулу гиёҳ аз он рангу бӯй, тароавату поянадагӣ мегиранд. Об аст, ки имрӯз бозору дӯконҳоямон пурпури мавави сабзавот, ширу ҷурғот ва ғайра. Мутаассифона, бархе аз инсонҳои беандеша дидаю дониста обро ифлос мегардонанд. Ба дарёҳо партовҳо мепартоянд. Обро бе сарфаю сариштакорӣ истифода мебаранд, ки ин аз як ҷониб ношукрӣ ва куфрони неъмати Худованд аст ва аз ҷониби дигар ба касод оварда мерасонад.

Ҳолате бисёр ташвишовар аст, ки ба масъалаи сарфаи об дар бисёр давлатҳо кам таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва ё умуман диққат намедиҳанд.

Дар қитъаи Африқо маърифати экологӣ аксаран риоя карда намешавад ва ин ҳолат сабаби он шудааст, ки аксари бемориҳои сирояткунанда бо сабаби истеъмоли обҳои аз назари санитарию гигиенӣ паст хурӯҷ мекунанд.

Дар китоби муқаддаси «Авесто» об дар қатори чор унсури ҳаётан муҳими табиат номбар шудааст. Мувофиқи ривояту устураҳои аксари халқҳои қадим (юнониҳо, мисриҳо, ҳиндуҳо ва ғайра) об пеш аз замину осмон вуҷуд доштааст. Арасту ин чор унсури олам (об, оташ, хок, ҳаво)-ро ашёи воҳиде номидааст, ки гарм, хушк, тар ва сард буда, зуҳури онҳо метавонад ба ҳамдигар мубаддал шавад ва ё худ хосияти худро байни ҳамдигар иваз намоянд.

Дар таълимоти ислом низ ба об эҳтироми зиёд гузошта шудааст. Паёмбари ислом мардумро ба сарфакорӣ ва пок нигоҳ доштани об даъват кардаанд. Дар ҳадис омадааст: «Обро исроф макун, ҳатто агар дар соҳили дарё бошӣ».

Ин таълимот нишон медиҳад, ки сарфаи об на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки вазифаи ахлоқӣ ва маънавии ҳар як инсон мебошад.

– Барои деҳқон об аз ҳама муҳим аст. Вақте борони баҳорӣ мебoрад, чеҳраи деҳқон аз шодӣ мешукуфад. Зеро медонад, ки қатраҳои борон ба замин ҳаёт мебахшанд. Вақте борони баҳорӣ меборад, мо ором мешавем. Медонем, ки гандуму боғҳо қувват мегиранд ва ҳосил фаровон мешавад.

Ӯзбекистон кишвари дорои иқлими нисбатан хушк мебошад. Аз ҳамин сабаб, ҳар як манбаи об барои кишвар аҳамияти бузург дорад. Манбаъҳои асосии об дар кишвар дарёҳои бузург, аз ҷумлаи дарёи Ому, Сир, Зарафшон ва Чирчиқ мебошанд. Ин дарёҳо барои обёрии миллионҳо гектар заминҳои кишоварзӣ хидмат мекунанд ва барои зиндагии мардум нақши ҳалкунанда доранд. Имрӯз масъалаи сарфаи об ба яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа табдил ёфтааст. Мутахассисон таъкид мекунанд, ки истифодаи оқилонаи об метавонад на танҳо табиатро ҳифз кунад, балки рушди кишоварзиро низ таъмин намояд. Дар бисёр хоҷагиҳои кишоварзӣ имрӯз усули обёрии қатраӣ истифода мешавад. Ин усул имкон медиҳад, ки об камтар сарф шавад ва ҳосилнокии зироат зиёд гардад.

Падарам деҳқон мебошад. Аз хурдӣ медонам, ки ба майдонҳои ангур, замини рӯйи ҳавлӣ, ки дар он себу нок, анору шафтолу, картошка ва дигар зироати ба рӯзгор зарурро парвариш мекард, об мемонд. Солҳое, ки боришот кам мешуд, аҳли деҳ бо навбат заминҳои худро об медоданд. Ба фикрам, он рӯзгор мардум обро чун неъмати бебаҳои табиат ҳифз мекарданд.

Ҳар як инсон метавонад дар ҳифзи об – беҳуда сарф накардани он, ифлос накардани манбаъҳои об, дар хона ва хоҷагӣ беҳуда сарф накардани он саҳм гузорад.

Бе об зиндагии инсон тасаввурнопазир мебошад. Ибораи «Ба об туф макун, убол аст» моро ба эҳтиром ба табиат, сарфаи неъмат ва ҳифзи манбаъҳои ҳаёт даъват мекунад. Агар ҳар яки мо қадри обро донем ва онро ҳифз кунем,ояндаи ҷомеа низ ободу пурбаракат хоҳад буд.

Фоҷиаи Арал ба мо боз як ҳақиқатро ёдрас мекунад: ҳар қатраи об арзиш дорад. Агар мо имрӯз обро сарфа ва ҳифз кунем, метавонем такрор шудани чунин фоҷиаҳоро дар оянда пешгирӣ намоем.

**Дилдора АЗИЗОВА,**
**омӯзгор.**
*Ноҳияи ПАРКЕНТИ вилояти ТОШКАНД.*

# ТОШКАНД МИЗБОНИ 58-УМИН ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КИМИЁ ГАРДИД

***Ин бори аввал аст, ки яке аз бонуфузтарин олимпиадаҳои илмии ҷаҳон дар таърихи Осиёи Марказӣ дар Ӯзбекистон баргузор мешавад.***

***Аз 10 то 19 июли соли 2026 дар шаҳри Тошканд яке аз бонуфузтарин мусобиқаҳои зеҳнии ҷаҳон байни хонандагони мактаб – 58-умин Олимпиадаи байналмилалии кимиё баргузор мегардад.***



Дар олимпиада аз зиёда аз 90 давлат тақрибан 1000 нафар иштирок намуданд. Дар байни онҳо хонандагон, роҳбарони дастаҳо, аъзои кумитаи байналмилалии илмӣ, нозирон ва меҳмонони хориҷӣ буданд.

Дар чаҳорчӯби озмун, дар баробари имтиҳонҳои назариявӣ ва амалӣ, барои ҳайатҳои иштироккунанда барномаҳои махсус ташкил карда шудаанд, ки таърихи кишвар, шаҳрҳои таърихӣ, мероси фарҳангӣ ва имкониятҳои сайёҳии Ӯзбекистонро муаррифӣ мекунанд.

Олимпиадаи байналмилалии кимиё аз соли 1968 ба таври мунтазам баргузор мегардад.

Ҳар сол ҷавонони боистеъдодтарин дар соҳаи кимиё дар ин мусобиқа ширкат намуда, дониши назариявӣ ва маҳорати лаборатории худро мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд.

Имрӯз он на танҳо майдони рақобати донишмандон, балки платформаи бонуфузи байналмилалӣ барои рушди ҳамкориҳои илмӣ, таҳкими дӯстии ҷавонони кишварҳои гуногун ва пайвастани олимони оянда мебошад.

Дар солҳои охир бо ташаббуси роҳбари давлат оид ба дастгирии ҷавонони боистеъдод, омода намудани онҳо ба олимпиадаҳои байналмилалӣ ва ташкили муҳити муосири таълимӣ ислоҳоти васеъ амалӣ гардида истодааст.

Аз ҷумла, мувофиқи қарори Президент аз 30 сентябри соли 2024, дар низоми таҳсилоти томактабӣ ва мактабӣ Маркази олимпиадаҳои фаннӣ таъсис дода шуд. Дар доираи фаъолияти ин марказ низоми омодагӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ роҳандозӣ гардида, мураббиён ва коршиносони хориҷӣ ҷалб карда шуданд. Инчунин, ҷамъомадҳои таълимии даставӣ, лагерҳои омӯзишӣ ташкил гардида, пойгоҳи муосири илмӣ-методӣ ва лабораторияҳо таъсис дода шуданд. Дар натиҷа, муваффақияти хонандагони Ӯзбекистон дар олимпиадаҳои байналмилалии фаннӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Аз ҷумла, дар соли 2025 дар 29 олимпиадаи байналмилалӣ иштирок намуда, дар маҷмӯъ 210 медал (40 тилло, 78 нуқра ва 92 биринҷӣ) ба даст оварданд.

Бояд қайд кард, ки омодагӣ ба 58-умин Олимпиадаи байналмилалии кимиё аз соли 2024 оғоз гардида, босуръат идома дорад. Аз ҷумла, таҷрибаи баргузории 56-умин ва 57-умини он дар Арабистони Саудӣ ва Аморати Муттаҳидаи Араб омӯхта шуд.

Ҳамчунин, барои омода намудани масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ кумитаи байналмилалии илмӣ таъсис ёфт, лабораторияҳо бо таҷҳизоти мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва реактивҳои замонавӣ таъмин карда шуданд.

Ба ҳайати кумитаи илмӣ намояндагони донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла Донишгоҳи Ҳарвард (ИМА), Донишгоҳи Билкент (Туркия), ETH Zurich (Швейтсария), Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов ва Донишгоҳи кимиё ва технологияи Прага ҷалб гардиданд.

Ин олимпиада имкониятҳои низоми муосири таълимии Ӯзбекистонро муаррифӣ намуда, шавқу рағбати ҷавононро ба илм афзоиш медиҳад. 58-умин Олимпиадаи байналмилалии кимиё на танҳо рақобати беҳтарин байни ҷавонони кимиёдон, балки рӯйдоди таърихие мебошад, ки иқтидори Ӯзбекистони Навро дар соҳаҳои илм, маориф ва инноватсия ба ҷаҳон нишон медиҳад.

Вазири таълими томактабӣ ва мактабӣ Эъзоза Каримова дар мусоҳиба бо хабарнигорон иброз намуд, ки ба иштирокчиёни ӯзбекистонӣ эътимоди зиёд дорад.

– Ман имкониятҳои дастаи Ӯзбекистонро хеле қадр мекунам. Биёед, ба натиҷаҳои соли гузашта ё соли 2024 назар андозем. Дар дастаи мо чор донишҷӯ ҳастанд, ки ҳамаашон медалҳои биринҷӣ, нуқра ё тиллоӣ ба даст овардаанд. Мо дар олимпиадаи байналмилалии кимиё дар соли гузашта ду медали тилло ба даст овардем. Аз ин рӯ, имсол кӯшиш мекунем, ки шумораи медалҳоро афзоиш диҳем. Ӯзбекистон комилан кафолат медиҳад, ки Бозиҳои олимпӣ одилона ва шаффоф хоҳанд буд. Ҳар як озмуни ҷаҳонӣ кумитаи илмии худро дорад. Арзёбии марҳилаҳои назариявӣ ва амалии тамоми раванди мусобиқа танҳо аз ҷониби аъзои он кумита анҷом дода мешавад. Мо барои онҳо тамоми шароити заруриро фароҳам овардаем, – гуфт вазир.

Ба ғолибони Олимпиадаи 57-уми байналмилалии кимиё аз ҷониби Ӯзбекистон 1 миллиард сӯм мукофот ҷудо карда шуда буд. Имсол маблағи ин ҷоиза боз ҳам зиёд карда шуд.

– Миқдори маблағҳои ҳавасмандгардонӣ, ки на танҳо ба донишҷӯён, балки ба муаллими ҳамон фан низ дода мешавад, афзудааст, ки ин барои волидон низ ҳавасмандкунанда мебошад, – гуфт Э. Каримова.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Гиромидошт*

# ЁДИ ЖУРНАЛИСТИ НОМӢ

***Ба муносибати 90-солагии журналисти номдор, нахустин муҳаррири рӯзномаи «Халқ сӯзи» – «Народное слово» Аҳмадҷон Мухторов анҷумани фарҳангӣ баргузор гардид.***

Адиб ва рӯзноманигор Ҳабиб Темиров таъкид намуд, ки устод Аҳмадҷон Мухторов анъанаҳои миллӣ ва фарҳангии гузаштагонро бо қадами қатъӣ, бебокона идома дод. Ӯ фаъолияти меҳнати хешро дар рӯзномаи «Ленин йўлӣ» (ҳоло «Зарафшон») аз вазифаи мусаҳҳеҳ оғоз карда, то дараҷаи муҳаррири он расид. Ин марди далеру донишманд на танҳо сармуҳаррир, балки худ мактаб буд, мактаби ҳақиқат, ҷасорату адолат.

– Бурди ҳар рӯзнома пеш аз ҳама ба шахсияти сармуҳаррири он вобаста аст, – афзуд корманди рӯзномаи «Халқ сӯзи» Шуҳрат Ҷабборов, – устод Аҳмадҷон Мухторов нашрияро ба минбари зинда ва пурнур табдил дод. Раҳматӣ роҳбари касбӣ ва беҳамто буда, қалами таҳрири қавӣ дошт ва масъулиятро пурра ба дӯш мегирифт. Бо зердастонаш мисли дӯсту бародар рафтору гуфтор мекард, ки ин гуна муомила муҳити эътимод ва самимиятро дар идора ба вуҷуд меовард.

– Дар ҳар давру замон дар саҳифаи таърихи матбуот чеҳраҳое ҳастанд, ки номи онҳо на танҳо бо қалам, балки бо ҷуръати шаҳрвандӣ ва эҳсоси масъулияти бузурге сабт хоҳад монд, – гуфт доктори илмҳои педагогика, ректори Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд профессор Юсуф Абдулло, – яке аз чунин шахсият Аҳмадҷон Мухторов буд, ки ҳамчун муҳаррири бебок, барои ҳақиқат ва адолат то лаҳзаҳои риққатбори вобаста мубориза бурд.

Ҷонишини ҳокими вилоят Рустам Қобилов ваъда дод, ки барои ба номи Аҳмадҷон Мухторов гузоштани ягон кӯча ё маҳаллаи Самарқанд кумаку дастгирии ҳукумати маҳаллиро ҷонибдорӣ хоҳад кард.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Хотира муқаддас аст*

***Боиси хушнудист, ки бо талоши чанд нафар равшанфикрон соли 1967 дар Самарқанд осорхонаи манзили Устод Садриддин Айнӣ кушода шуд. Бо талабу дархости писари устод Камол Айнӣ Абдукарим Ғанизода директори хона-музей таъин гардид. Ӯ дар тӯли қариб 50 сол чароғи хонадони Устод Айниро фурӯзон сохт. Ба ҳамин хотир номи «Писархонди Айнӣ»-ро гирифт.***

# ЭҲТИРОМ БА ПИСАРХОНДИ УСТОД АЙНӢ

Бояд тазаккур дод, ки Абдукарим Ғанизода тамоми умр меҳмонону зиёратчиёнро бо чеҳраи кушод қабул карда, бо нигороҳо шинос менамуд.

Замоне дар ин ҷо қабулхонаи ҷамоатии рӯзномаи «Овози тоҷик» низ арзи вуҷуд намуда, мудири он Акбар Усмонов буд. Соли 2005 қариб дар 20 шумораи рӯзномаи мазкур мусоҳибаи мо бо номи «Дар суҳбати «писархонди устод» рӯйи чопро дид. Воқеъан, ҳар сол мо 15 апрел зодрӯзи Устод Айнӣ ва Абдукарим Ғанизодаро якҷоя ҷашн мегирифтем. Зеро ҳар ду дар як сана таваллуд ёфта буданд.

Агар раҳматӣ Абдукарим Ғанизода дар қайди ҳаёт мебуд, ба синни мубораки 90 мерасид.

Ба қарибӣ аҳли илму фарҳанг рӯзи мавлудии эшонро дар Хонамузейи Устод Айнӣ ҷашн гирифта, ёди некаш намуданд.

Директори осорхона Амриддин Пӯлодӣ, профессор Аслиддин Қамарзода дар бораи хидматҳои шоистаи Устод Айнӣ ва писархонди ӯ Абдукарим Ғанизода ҳарф заданд.

Инчунин бостоншинос Раҳим Қаюмов, адиб Адаш Истад, муҳаррири рӯзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодур Раҳмонов, корманди осорхона Назира Ҷалолова ва дигарон ба сухан баромаданд.

Духтари соҳибҷашн Мартаба Ғанизода барои эҳтироми падари бузургвораш арзи сипос намуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

## Ҳангоми фалаҷи кӯдакон

Дар фалаҷи кӯдакон ҳиногул 30,0 грамм, чаканда 15,0 грамм, биҳӣ 30,0 грамм, гирифта, дар 200,0 дараҷа об ҷӯшонда мешавад ва аз он 1 қошуқча 3 маҳал дар як рӯз нӯшида мешавад.

## Барои таваллуди кӯдаки солим

Агар зани ҳомила хуб ғизо нагирад ва сари вақт истироҳат накунад, бо рахит таваллуд шудани кӯдак мумкин аст. Аз ин рӯ, ҳатто дар оила дигарон нахӯранд ҳам, зани ҳомила бояд моҳӣ, тухм, ширу ҷурғот, творог, гречка (таркибаш аз калсий ва фосфор бой), панир, меваву сабзавот, кабудӣ истеъмол намояд.

## Ҳангоми чарх задани сар

Давр задани сар – вайрон шудани мувозинат буда, инсон ҳис мекунад, ки ашёҳои атроф чарх мезананд. Дар ин ҳолат дилбеҳузурӣ, қайкунӣ, садои зери гӯш, паст шудани шунавоӣ, сафедшавии рӯй, суст шудани набзи рагҳо, вақти аз ҷояш хестан афтодан ва ғайра ба амал меояд. Он метавонад ҳангоми ҳаракатҳои тез, ҷаҳида хестан, сафар бо ҳавопаймо, киштӣ, инчунин дар ҳолати гипертония, атеросклерози рагҳои мағзи сар, бемориҳои гӯши миёна ва дохилӣ, осеб ё заҳролудшавӣ ба вуҷуд ояд.

Агар сар чарх занад, ҷӯшобаи гиёҳи сунбул нӯшидан онро қатъ мекунад.

## Ҳангоми осемасарӣ

Равғани лимӯ осемасариро даво мекунад.

## Ҳангоми фишори дохилии мағзи сар

Барои паст кардани фишори дохилии мағзи сар 3 дона лимӯ ва 3 дона пораи сирпиёз лозим аст.

Сирпиёз ва лимӯро бо пӯсташ шуста, аз мошини қимакаш гузаронида мешавад. Омехтаро ба бонкаи 2-литра андохта, аз болояш 1 литр оби ҷӯшон мерезанд. Даҳони бонка маҳкам пӯшида шуда, 24 соат дар ҷойи торик нигоҳ дошта мешавад. Пас аз гузаштани вақт, омехта аз докаи секабата гузаронида мешавад. Аз омехтаи омодашуда, ҳар рӯз саҳарӣ 2 қошуқ пеш аз наҳорӣ нӯшида мешавад. Онро дар яхдон нигоҳ медоранд. Муолиҷа то тамом шудани омехта идома меёбад.

## Ҳангоми зиёд шудани намии мағзи сар

Ҳангоми зиёд шудани намии мағзи сар (варами мағз, баланд шудани фишори дохилии мағз) меваи мурчро бо мавиз хоидан тавсия дода мешавад. Дар ин ҳолат оби даҳонро бояд туф карда партофт. Ба воситаи ҳамин оби даҳон намии зиёдатии мағзи сар хориҷ мешавад. Ин муолиҷаро ҳар рӯз 5–10 дақиқа ва дар давоми як моҳ истифода бурдан лозим аст.

## Ҳангоми сустшавӣ аз сабаби атеросклерози рагҳои мағзи сар

Ҳангоми паст шудани қобилияти корӣ ва заиф шудани хотира дар натиҷаи атеросклерози рагҳои мағзи сар, ба шахсони синнашон калон чунин ванна тавсия карда мешавад: райҳони кӯҳии одӣ, барги марямгулии доруворӣ ва барги дарахти тӯси сафед (ҳар кадом 100 г) ба 3 литр оби ҷӯшон андохта, дар ҷойи гарм 2 соат дам медиҳанд. Баъд ба ваннаи бо оби 35–37 дараҷа пуршуда мерезанд. Дар як ҳафта 2 маротиба, ҳар дафъа 15–20 дақиқа қабул карда мешавад. Як курси табобат аз 10 ванна иборат аст.

**(Давом дорад).**

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА,**
**А. РӮЗИМАТОВ.**




*(Ҳикоя)*

**(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Чашмони дурбинро ба ҷониби авул тоб дод. Аҳли он аз хоб бархоста аз пайи саранҷоми рӯзгор ҷунбуҷӯл доштанд. Яке гов медӯшид, дигаре барраҷаҳои ногирои аз модар ҷудошударо ба ҷониби ёлаҳои пеш меронд, дигаре дар сари сесанг чойҷӯшро гузошта, гулхан дармедод. Нафари дигаре дар назди кашари гӯсфандон бо кимчӣ коре худро андармон месохт. Дафъатан дурбинро ба гарданаш овезон кард, аз ҷой бархост, ба пеш қадам ниҳод. Кунун ба гарданаи кӯҳ расид. Ин гардана ба ҷониби офтоббаро хам хӯрда, гӯё роҳпаймоияшро то дараҷае осон мегардонид. Мӯйсафед ба ҷониби деворкӯҳ тоб хӯрд. Агар рост равад, ба галаи гургон рӯбарӯ шуданаш дур нест. Дар соярӯ оҳиста-оҳиста мерафт. Дар пешрӯяш парчи деворкӯҳ менамуд. Дар ҷояш истод шуд. Чӣ гуна болои парч баромаданро дар тафаккури худ гирдгардон кард. Аз поён хазидаву хамида, ба як парраи он боло шуда, ба ҷониби пайкараи одамсимо дида дӯхт. Галаи гургон фориғболона дар сояи санге мехобиданд. Ӯ чӣ сон паноҳ ёбад, ки гургон камин гирифтанашро набинанд. Дар пушти пайкари одамсимо, он ҷое, ки гургон мехобиданд, чанд харсанги азиме сарбасар афтода, девори хурдеро ба ёд меовард, нигоҳ кард. Ӯ метавонист ноаён ба он сӯ хазида рафта, пайкари худро дар мағоки он паноҳида, гургонро зери ҳадаф қарор диҳад. Вақт барқсон мегузашт, ба андеша кардан ҳоҷате набуд. Мӯйсафед туфангро сари китф гирифт, дурбинро ба гардан кашол дод, қоматашро камонвор хамида, рӯ ба ҷониби ин харсангҳо тохт. Ногаҳон як пояш ба санги роҳ бархӯрда, каҷпахлӯ афтод. Дарди ҷонкоҳ азияташ медод, вале ноилоҷ ба по хест. Шиддати дард меафзуд. Дандон ба дандон монда, пояшро пешу қафо ҳаракат дод.

Худо раҳмашро хӯрд. Агар дар пояш мӯза намедошт, ҳолаш аз ин бадтар мешуд. Лангон-лангон чанд қадам пеш рафт, вале дард шиддат гирифт. Ноилоҷ дар ҷояш тавақкуф кард. Зуд мӯзаро аз пой кашида, пойтобаро раҳо кард. Банду буғумаш ва панҷаи пояшро молиш дод.

– Шояд гӯшти пояш ҳангоми ба санг бархӯрдан дарида бошад, – худро дилдорӣ медод ӯ.

Пойтобаро зуд ба пояш печонида, мӯзаро ба по кашид. Зирқзирқ дард мекард пояш. Лангон-лангон ба пеш гом ниҳод. Бо азоби алиме дар паноҳгоҳи харсангҳо расид. Тӯфанг, бастаи хӯроку обро дар канор монд. Дурбинро ба чашмонаш гузошт. Гургон масти хоб буданд. Онҳоро шуморид: шаш сар. – Шояд боз чанд сари он дар сояе хобида бошанд, – меандешид ӯ. Сарварашон гурги осмонранг нопайдо буд.

– Ба куҷое ғайб зада, ё мурда бошад, – биандешид мӯйсафед. Ӯ ин гурги бадҳайбату чолокро ба хубӣ мешиносад. Се сол қабл аз ин як шаби ялдои зимистон ба рамаи онҳо шабохун зада, гӯсфандони зиёдеро шикам даронда, чанди дигарро хомталош карданд. Аҳли авул то ба ҳанӯз хисороти он гурги осмониранг ва ҳамҷинсонашро аз ёд набурдаанд. Ин гурги осмониранг сол – дувоздаҳ моҳ тӯдаи хешро ба дунболаш гирифта, ба сайд мебарояд, дар пешрӯяшон чӣ пеш ояд – галаи моли реза, гов, асп, шутур дафъатан ба онҳо дарафтода, тӯъмаи хешро ситонида, нафсашонро ором мебахшанд.

– Ҳа, чӣ илоҷ, онҳо низ офаридаҳои Худоянд. Бо ин найрангу усул ризқи худро ба даст меоранд, – мӯйсафед худ аз худ дар ин бора муҳокима меронду тӯфангро ба даст гирифта, ба майли хотир поксозӣ кард, ба тирдон тирҳоро ҷобаҷо намуд. Боз дурбинро ба чашмонаш андохта, гирду атрофи пайкараи санги одамсиморо аз назар гузаронид.

Гургон ҳанӯз масти хоб буданд. Офтоб чанд қади сафедор боло шуда, гирду атрофро нур рехта, рӯ ба ҷониби мағриб ҷавлон мезад. Соярӯи кӯҳи Сафед ҳанӯз побарҷо буд. Галаи гургон масти хоб буданд. Камингоҳи ӯ то ҷойи хоби гургон дур набуд. Тафси Офтоб дам ба дам меафзуд ва сояҳо ноаён ҷойи худро ба нури сафобахши хуршеди Ховарон иваз мекард. Чун сояҳо рӯ ба ҷониби қуллаи кӯҳи Сафед мекӯчиданд, ба ҷисму ҷони гургҳо гармӣ расида, фавҷи магасҳои шилқин ба сари онҳо нишаста, ба хоби ширини онҳо халал медод. Ин дарандагонро дигар ҷорае набуд, ки дар ин манзил бардавом бихуспанд, ноилоҷ аз халали фавҷи магасҳо аз ҷой бархоста, ҷӯёи сояи салқин шуданд. Яке пешрӯ, дигаре ба ақиб бо ҳайрат ба атроф назар афканда, ба дунболи ҳам пайваста, ба ҷониби соярӯ бо майли хотир қадам мегузоштанд. Даҳмардаи пир ин ҳолро дида осема шуд ва мили тӯфангро ба ҷониби гурги пешрӯ меомада рост кард. Аз қафои он гурги сиёҳранге ҷавлонзанон пайваст. Тоқати мӯйсафед тоқ шуд, дигар ҳоҷати интизор набуд. Гург чун аспи бағиревомада, ду пойи худро ба фазо чароғпоя карда, ба замин афтод. Галаи гургон аз ин таркиши ногаҳонӣ ба тарсу бим афтода, ба ҳар ҷониб девонавор медавиданд. Ҷисму ҷони мӯйсафед аз ҳиссу ҳаяҷон чун барги бед меларзид. Андаке нафас рост кард, боз ба ҷониби гургони дигар нигарист. Ногаҳон аз ҷониби пайкари одамсимо гурги бадҳайбате дартоз ба сари ҳамҷинси хеш – гурги сиёҳранг омада бо тамоми овозаш нӯла кашид. Даҳмардаи пир ин дамро ғанимат пиндошта ба ҷониби ин гург боз тир андохт. Гурги осмонранг ҷо ба ҷо ба замин афтод ва гургони дигар рӯ ба гурез ниҳоданд. Овози тир ба атрофи кӯҳи Сафед ғулғула афканда, акси садо камару кӯҳро ба ларза овард. Ҳамроҳбой андешид, ки фурсати ғанимат расид. Ба сари гургони ба ҳалокатрасида омад. Вуҷудашро тарсу ҳаяҷон ба ларза оварда буд. Аз даҳону биннии гурги осмониранг хун мерехт. Он зарфи обгирро, ки барои эҳтиёт ҳамроҳи хеш нигаҳ медошт, аз хуни равони гург пур кард ва даҳон баст. Сараш ва чаҳор пояшро бурида, дар лингча ҷой кард. Ҳамроҳбой ҳадаҳа анҷомҳоро ба дӯш гирифта, рӯ ба ҷониби зови баланд лангон-лангон қадам ниҳод. Бо азияти зиёд ба сари зов расид. Дар ин мавзеъ авул чун кафи даст намоён буд. Ҳамон сон дасту пояш меларзид. Тапиши дилаш меафзуд. Гӯё ин аз пешомади нохушие дарак медод. Ба сари санге нишаст, ба тирдон тир ҷо карда ба ҷониби авул паёпай ду тир андохт. Овози тирҳо ба атрофу акноф ғулғула барангехт. Музтару пакар, сар ба тафаккур монд. – Ба манзил зудтар бояд расид, – фикр мекард ӯ. Бо чунин андешаҳо аз ҷой бархост, рӯ ба пайраҳа ниҳод. Роҳе, ки пеш мерафт ӯро ба сӯйи авул мебурд. Эҳтиёткорона гом мениҳод ӯ. Рези кӯҳӣ ба сӯйи роҳ ламида, гашти ӯро мушкил месохт. Бо азобе ба хамгашти хавфнок расид. Дар ин ҷо рези кӯҳ бештар ғун гашта, аз боло сангҳо донадона ва гоҳе села-села ба поён сарнишеб мешуд. Дарди пояш ҳанӯз ҳам ӯро ранҷ медод. Чун ба пешрӯ қадам мемонд, дард бештар мешуд, вале дигар илоҷе набуд, то шомгоҳон ба авул бояд расид. Ҳанӯзам хаёлҳои сардарпеч гирди сараш тор метанид. Чӣ сон болои рези резон пой гузошт, надониста монд. Ногаҳон рези кӯҳӣ чун селоб ламида, башаст ба поён рехт. Ба умеди аз дами резиши рез раҳоидан пайкарашро ба канори рост афканд, вале ду пояш аз пайраҳа раҳо хӯрда сарнишеб ба поён ғелид. Пайкари ӯ ғелиду ғелид, ба бехи сиххори азиме дармонду тавaққуф кард. Гоҳе ҳуш ба сараш мезад, гоҳе бехуду беёд буд ӯ. Замоне ба худ омад, ки ба гӯшаш нӯлаи гургон мерасид. Чашм боз кард, ба атроф дида дӯхт, дар бехи сиххоре хобидаву дар поён нӯлаи гургон ва фарёди онҳо мерасид. Дарди ҷонкоҳе зӯромад, дубора ҳуши ӯро бирабуд.

Овози тирҳое, ки аз ҷониби мӯйсафед андохта шуда буд, аҳли авул ва ҳамсарашро низ як қад парронд. Ҳамсари Ҳамроҳбой, ки ин лаҳзаҳо бо кору бори рӯзгор андармон буд, овози даҳшатборро шунида, ҳамоно таъкидҳои вай ба ёдаш расид, болидарух гашт ӯ: «Хайрият шикораш бобарор анҷомидааст,» гӯён писараш ва ду тан ҳамсояашро ба кӯмаки ҳамсараш фиристод.

Он се тан аспсавор рӯ ба ҷониби пайкари санги одамсимо асп давониданд. Пеш аз намози шом колбади мӯйсафедро ба аспе бор карда ба авул оварданд. Оҳу шеванҳои ҷонгудози аҳли хонадони сайёди пир ва дӯсти айёми бачагиаш – Солеҳбой ба дараву кӯҳҳо акси садо дода, дилҳоро хун мекард. Навзоде, ки чанд рӯз қабл аз ин дар дами марг хобида ҷон мекоҳонид, пас аз қабули ин расму русумҳои фармуда, ба ҷонаш ҷони тозае зам гашт, вале бобои бечорааш – сайёди пир, дар роҳи наҷоти ӯ ҷон бохт… Рӯзи дигар аҳли авули чашмаи Кабӯтарон бо оҳу фиғонҳои зиёд мӯйсафедро дар қабристони Гавургон ба хок супориданд…

**Нуралӣ РАҶАБ.**

# МАҚОМ УФУҚҲОИ НАВИ ҲАМКОРИИ МАДАНИРО МЕКУШОЯД



*Ба наздикӣ дар Намангон Форуми III байналмилалии санъати мақом баргузор гардид. Дар маросими ифтитоҳи он Президенти ҷумҳурӣ Шавкат Мирзиёев баромади пурмуҳтавое дошт, ки дар он самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба ҳифз, рушд ва тарғиби санъати мақом муайян карда шуданд.*
*Дар робита ба ин бо мутахассиси маъруфи санъати мақом, номзади илмҳои санъатшиносӣ, сарвари Академияи мақоми Тоҷикистон Абдувалӣ АБДУРАШИДОВ суҳбате оростем, ки бардоштаашро аз ин иқдоми муҳим ҷиҳати боло бурдани мақоми шашмақом бо хонандагони «Овози тоҷик» боҳам бинад.*

**– Устоди мӯҳтарам, Форуми III байналмилалии санъати мақом яке аз рӯйдодҳои муҳими ҳаёти фарҳангии минтақа гардид. Шумо натиҷаҳои онро чӣ гуна арзёбӣ мекунед ва кадом ғояҳои калидии суханронии Президент Шавкат Мирзиёев ба назари Шумо барои ҳифз, омӯзиши илмӣ ва рушди санъати мақом аҳамияти махсус доранд?**

– Пеш аз ҳама меxоҳам дарки амиқи Президенти Ӯзбекистонро нисбат ба аҳамияти санъати мақом ҳамчун мероси бебаҳои маънавии инсоният таъкид намоям. Ӯ дуруст қайд кард, ки мақом на танҳо як санъати мусиқӣ, балки хотираи таърихӣ, ҳувияти миллӣ, фалсафа ва фарҳанги маънавии халқҳои Шарқ мебошад. Дар тӯли асрҳо он вазифаи муҳими ҳифзи арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикиро иҷро кардааст. Муҳим он аст, ки мақом на ҳамчун падидаи гузашта, балки ҳамчун санъати зинда бо имкониятҳои бузург барои рушди фарҳанги муосир ва ҳамкории байналмилалӣ баррасӣ мешавад. Чунин муносибати давлатӣ ба мақом аҳамияти принсипиалӣ дорад, зеро он сиёсати фарогири фарҳангиро ташаккул медиҳад, ки ба ҳифз, омӯзиш ва интиқоли ин мерос ба наслҳои оянда равона шудааст.

**– Шумо пешниҳодҳо оид ба рушди омӯзиши илмии санъати мақомро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Ба назари ман, ин ташаббусҳо аҳамияти воқеан стратегӣ доранд. Таъсиси Маркази ҷаҳонии мақом ва Академияи байналмилалии мақом, ки дар суханронии Президент зикр шудаанд, имкон медиҳад, ки иқтидори илмӣ ва эҷодии кишварҳое, ки анъанаҳои ҳамрадифи мусиқии классикӣ доранд, муттаҳид гарданд. Хусусан муҳим аст, ки дар баробари мактаби узбекӣ, анъанаҳои тоҷикӣ, арабӣ, туркӣ, форсӣ, ҳиндӣ ва дигар мактабҳои мусиқии Шарқ низ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Чунин равиш шароити мусоид барои таҳқиқоти муштарак, тарбияи мутахассисони ҷавон, табодули таҷриба ва татбиқи лоиҳаҳои илмии байналмилалӣ фароҳам меорад.

Мо, намояндагони Тоҷикистон, ин ташаббусро пурра дастгирӣ мекунем. Академияи мақоми Тоҷикистон омода аст дар фаъолияти маркази оянда фаъолона иштирок намояд ва саҳми худро ҳам дар таҳқиқоти илмӣ ва ҳам дар ҳифз ва рушди амалии санъати мақом гузорад.

**– Президенти ҷумҳурии мо ҳамчунин пешниҳод намуд, ки Антологияи рақамии ҷаҳонии мақом таъсис дода шавад. Ин ташаббус то чӣ андоза муҳим аст?**

– Ташаббуси хеле саривақтӣ ва дурбинона аст. Имрӯз рақамисозии мероси фарҳангӣ яке аз самтҳои муҳими ҳифзи он ба шумор меравад. Эҷоди платформаи ягонаи рақамӣ, ки дар он дастхатҳо, маводи нотавӣ, сабтҳои аудио ва видео, таҳқиқоти илмӣ оид ба мақом, муғом, мақом, дастгоҳ ва дигар анъанаҳои ҳамрадиф гирд оварда мешаванд, имкон медиҳад ин мероси нодир ҳифз шуда, барои муҳаққиқон, иҷрокунандагон ва дӯстдорони мусиқӣ дар саросари ҷаҳон дастрас гардад.

Дар Тоҷикистон дар ин самт таҷрибаи муайян мавҷуд аст. Аз ҷумла, бори аввал дар таърихи мусиқии классикии Осиёи Марказӣ тамоми силсилаи «Шашмақом» дар шакли аудио ва видео ва дар шакли анъанавии пурраи даврӣ сабт карда шуд. Тибқи маълумот, дар давоми қариб 100 сол чунин кор анҷом дода нашуда буд. Ин ҳам барои илм ва ҳам барои ҳифзи анъанаи аслии иҷрогарӣ аҳамияти бузург дорад. Аз ин рӯ, муттаҳид намудани чунин мавод дар платформаи байналмилалӣ қадами муҳим дар рушди мақомшиносии ҷаҳонӣ хоҳад буд.

**– Дар суханронии Президент ба дастгирии ҷавонон диққати махсус дода шуд. Ҷаро ин масъала муҳим аст?**

– Ояндаи ҳар як санъат бе идомаи наслҳо тасаввурнопазир аст. Мақом ҳамеша тавассути низоми «устод – шогирд» интиқол меёбад, ки дар он устод на танҳо маҳорати иҷрогарӣ, балки фарҳанги маънавӣ, тафаккури бадеӣ ва анъанаҳои мактабро ба шогирд меомӯзонад.

Аз ин рӯ, рушди низоми таҳсилоти муттасили мусиқӣ, дастгирии ҷавонони боистеъдод, баргузории озмун ва ҷашнвораҳо аҳамияти калон доранд. Хушоянд аст, ки дар солҳои охир хусусан Ӯзбекистон дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Насли ҷавони иҷрокунандагон босуръат рушд мекунад, номҳои нави мақомшинос ба майдон меоянд ва ин ба ояндаи мероси мусиқии мо умед мебахшад.

**– Ба назаратон кадом ташаббусҳо дар ин замина ба рушди ҳамкории байналмилалӣ мусоидат мекунанд?**

– Муҳимтарин пешниҳодҳо таъсиси Фонди байналмилалии дастгирии таҳқиқоти санъати мақом ва Ҷоизаи байналмилалӣ барои олимон ва иҷрогарон мебошанд. Ин ташаббусҳо фаъолияти илмиро тақвият медиҳанд, лоиҳаҳои эҷодиро дастгирӣ мекунанд ва ҳамкории марказҳои илмии кишварҳои гуногунро густариш медиҳанд.

Дар баробари ин, идомаи корҳои бузурги илмӣ зарур аст: таҳияи нашрҳои нави академии «Шашмақом», нашри дубораи таҳқиқоти бунёдӣ бо назардошти равишҳои муосири илмӣ ва густариши лоиҳаҳои муштараки олимон ва ҳунармандон. Дар Тоҷикистон, масалан, нашри нави академии «Шашмақом» дар шаш ҷилд ба табъ расидааст, ки имрӯз ҳамчун китоби рӯимизии шогирдони мо истифода мешавад.

Инчунин ташаббуси эҷоди масири фарҳангӣ-туристии «Роҳи мақом» аҳамияти калон дорад. Ин яке аз дурнамотарин ғояҳои форум мебошад, ки имкон медиҳад мероси мактабҳои гуногун ба аудиторияи байналмилалӣ муаррифӣ шавад ва ҳамкории эҷодии гурӯҳҳо густариш ёбад.

**– Ба назари Шумо ин ташаббусҳо барои ояндаи санъати мақом чӣ аҳамият доранд?**

– Ман мутмаинам, ки пешниҳодҳои роҳбари Ӯзбекистон марҳилаи нави сифатиро дар рушди санъати мақом мекушоянд. Онҳо на танҳо ба ҳифзи мероси нодири фарҳангӣ, балки ба омӯзиши илмӣ, таблиғи муосир ва густариши ҳамкории байналмилалӣ равона шудаанд.

Муҳим аст, ки ин ташаббусҳо ба муттаҳид шудани кишварҳое мусоидат мекунанд, ки анъанаҳои ҳамрадифи мусиқии классикӣ доранд. Бовар дорам, ки муколамаи фарҳангии байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон боз ҳам фаъолтар ва самараноктар хоҳад шуд. Олимон, иҷрогарон ва гурӯҳҳои эҷодии мо метавонанд ҳамкориро зичтар намуда, лоиҳаҳои муштаракро амалӣ созанд ва ин мероси бебаҳоро якҷоя ҳифз намоянд.

Мақом мероси маънавии муштараки Шарқ ва тамоми инсоният аст. Аз ин рӯ, ояндаи он аз масъулияти муштарак, эҳтироми ҳамдигар ва талош барои расонидани ин санъати бузург ба наслҳои оянда вобаста мебошад.

**– Барои суҳбати пурмуҳтаво изҳори сипос менамоям.**

Суҳбаторо
**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Ба ҷойи табрик*

# «САМАРҚАНДИЯМ, ОРИЁНАЖОДАМ...»

*Тирамоҳи соли 1969. Мо – донишҷӯёни факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ба номи Устод Садриддин Айниро, ки ҳанӯз чандон дарс нахондаву бо ҳамсабақон шинос нашудаем, барои ғунучини пахта, ба ноҳияи Пайариқ сафарбар карданд. Дар мусобиқаи байни чинакчиён пайваста Толиб Юнусов ғолиби мутлақ буд. Ҷараёни пахтачинии вай ҳамаро ба ҳайрат меовард. Ин фазилат ӯро дар байни ҳамсабақҳо шуҳратманд намуд. Азбаски аз дигарон калонсолтар буд, худи ҳамон сол хонадор ҳам шуд.*



Минбаъд низ ӯ дар дарсҳо, семинару ҷамъомад ва корҳои ҷамоатии факулта фаъол иштирок карда, соҳиби обрӯю эътибори хос гардид. Масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, кунҷковӣ, илмдӯстӣ барин фазилатҳояш диққати ҳамдарсону устодонро ҷалб мекарданд. Азбаски Самарқандро хуб медонисту хеле дӯст ҳам медошт, бобати ҳалли баъзе мушкилоти рафиқон кумак мерасонд.

Ӯ 15 июли соли 1951 дар деҳаи Оқмасҷид (Дарвозаи Ревдод) дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст. Падараш – Субҳон Юнусзода сарвожатийи мактаб, модараш Тӯхта Турсунова корманди соҳаи савдо (Корманди шоистаи савдои Ӯзбекистон) буданд. Ӯ соли 1968 мактаби миёнаи рақами 21-уми шаҳрро хатм карда, соле шунавандаи курси ронандагӣ буд. Ният дошт, ки ҳуқуқшинос шавад. Бо ин мақсад ба Тоҷикистон рафт. Дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба ӯ гуфтанд, ки барои таҳсил дар шуъбаи ҳуқуқшиносӣ собиқаи корӣ лозим аст.

Толиби толиби илм ноилоҷ ба зодгоҳ баргашт ва бо маслиҳати модараш ба Донишкадаи давлатии омӯзгории Самарқанд ҳуҷҷат супориду аз имтиҳонҳо бомуваффақият гузашта, донишҷӯй гардид. Баъди хатми донишкада фаъолияти меҳнатиашро дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 37-уми ноҳияи Самарқанд – воқеъ дар зодгоҳаш оғоз намуд. Дар мактаб зуд соҳибобрӯ гардид. Аз ин рӯ ӯро ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ таъин карданд. Бояд зикр кард, ки Толиб баъди ба нафақа баромадан низ панҷ сол ин вазифаро дар ӯҳда дошт. Имрӯз дар Самарқанд соҳае нест, ки дар он шогирдонаш кор накунанд.

Шогирди собиқ ва ҳамкори баъдинаи вай – омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби мазкур Ҳилола Норбоева дар бораи устодаш аз ҷумла мегӯяд:

– Муаллим Юнусзода устоди сахтгир ва фидоӣ буданд. Ҳар боре, ки дар синфи 9 мавзӯи «Ҳаёт ва фаъолияти Устод Рӯдакӣ»-ро ба охир мерасонданд, хонандагони синфро бо автобус ба зиёрати мақбараи Рӯдакӣ ба деҳаи Панҷруди ноҳияи Панҷакенти Тоҷикистон мебурданд. Чунин сафарҳои тадрисиро ба осорхонаи Айнӣ ва дигар адибони самарқандӣ ташкил мекарданд. Саъй менамуданд, ки шогирдон дӯстдори забони модарӣ ва худогоҳу қадршиноси падару модар, ёру диёр бошанд.

– Юнусзода омӯзгори сахтгиру серталаб буданд. Ягон рафтори ноҷӯяи хонанда аз назари он кас пинҳон намемонд. Як нигоҳи маънодори устод шогирдро ба ҳушёрӣ ва рафтори дуруст водор мекард. Вагарна пушаймон мешуд, зеро худи ҳамон рӯз ҳангоми танаффуси калон ба воситаи шабакаи радиошунавонии мактаб рафтораш бориси муҳокима қарор мегирифт, – илова кард шогирди дигари Юнусзода, ҷонишини директори мактаби миёнаи рақами 32-юм Лола Норбоева.

– Он замон дар мактаби мо дар ду баст зиёда аз 1600 нафар талабагон ба забони тоҷикӣ таҳсил мегирифтанд. Ҳар як шогирд кӯшиш мекард, ки рафтору одобаш ба муаллим писанд ояд. Устод ҳар яки моро чун фарзандони худ дӯст медоштанд ва аз ин сабаб боиси иззату ҳурмат буданд, – мегӯяд шогирдаш Дилфуза Ҳайдарова.

Юнусзода мутолиаи асарҳои бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳоро нафақат дӯст медорад, балки худаш низ аз солҳои талабагӣ ба рӯзномаҳои «Пионери Тоҷикистон», «Комсомоли Тоҷикистон», «Ҳақиқати Ӯзбекистон» («Овози тоҷик»), «Овози Самарқанд», садою симои Самарқанд, «Гулобод тонги» навиштани хабару мақола, латифаю масал, шеъру ҳикоя (ҳаҷвия)-ро канда намекунад. Хусусан мақолаҳои вай оид ба расму ойин, анъанаҳои қадимии халқамон аз қабили ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргон ва ғайра писанди рӯзномахонон мебошанд. Ин ҷо бояд зикр кард, ки китобҳои Толиб Юнусзода «Оҳанги зиндагӣ», «Толиби зиндагӣ» дастраси мухлисон шудаанд. Намунаҳои эҷодиёташ дар китоби дастҷамъии «Суханварони Зарафшон» (Душанбе - 2022) низ ҳастанд. Ҳоло ӯ болои китобиояндааш кор мебарад.

Толиб ифтихор мекунад, ки чун хабарнигори ҷамоатии рӯзномаҳои «Овози Самарқанд» ва «Овози тоҷик» фаъолияти густарда дорад ва боз шогирдони зиёдаш ин иқдоми ӯро идома дода, комёб шудаанд.

Мавсуф инсони ташаббускор ва ташкилотчӣ ҳам ҳаст. Бинобар ин фазилатҳои ӯ мо – ҳамкурсон ҳар сол 5 май дар хонадони эшон вохӯрӣ мегузаронем. Соли ҷорӣ навбати 16-умини ин мулоқоту дидор ба амал омад. Туфайли ҳимматбаландӣ, меҳмондӯстӣ ва кушодадилии аҳли оила ҳавлии Юнусзода барои ҳар яки мо – ҳамсабақҳо ба ҳавлии худӣ табдил ёфтааст. Ӯ инчунин баъзан аз ҳисоби худ автобус ташкил карда, меҳмононро ба ҷойҳои ҷолиби диққати «Сайқали рӯйи Замин» – ин шаҳри бостонӣ ба саёҳат мебарад.

Толиб ва ҳамсари эшон Шоира пирони бадавлатанд: фарзандонашон Шоиста, Илҳом, Фирдавс, Наргис, Ситора ва даҳҳо набераю аберагон – неъмати олии Офаридгор, неруву ғайрат ва давлати пояндаи онҳо мебошанд.

Гӯё дирӯзакак мо дар ҷашни 70-солагии Толиб Юнусзодаи азизи худ иштирок доштем, инак, боз панҷ сол сипарӣ шудааст, ҳоло эшонро бо синни 75 муборакбод мегӯем.

«Самарқандиям ориёнажодам...» чунин ҳусни оғоз дорад, яке аз шеърҳои Юнусзода. Бигузор ҳамин ифтихор, ҳамин эҳсосоти олии худогоҳӣ ва садоқат ба анъанаҳои неки ниёгон ҳамеша ҳамроҳатон бод, дӯсти азиз!

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Ҷавонони мо*

# МО ФАРЗАНДОНИ ИСТИҚЛОЛЕМ

*Истиқлол неъмати бебаҳост ва онро ҷавонони имрӯз низ хеле хуб дарк менамоянд, ки боиси сарфарозиҳост. Ҳоло мухбирамон бо чанде аз ҷавонон ҳамсуҳбат шуда, фикру назари онҳоро дар бораи он пурсон шуд, ки онҳо аз имкониятҳои барояшон фароҳамовардашуда чӣ гуна истифода мекунанд, вақти холиашонро чӣ тавр мегузаронанд, оё китоб мехонанд, мафҳуми истифодаи телефонро чӣ тавр тавзеҳ медиҳанд.*



**Ситораи НАЗАРИЁН, фориғуттаҳсили гурӯҳи тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона:**

– Чаҳор соли таҳсил паси сар шуд ва ману ҳамкурсонам соҳиби дипломи бакалавр гардидем. Мо аз беҳтарин имконият истифода намудем, ки бо саъйу эҳтимоми Сарвари давлатамон барои як гурӯҳ деҳотидухтарони тоҷики ноҳияи Сӯх фароҳам оварда шуд. Аксари духтарон бар асоси гранти давлатӣ шомили Донишгоҳи давлатии Фарғона шуданд ва онро муваффақона хатм намуданд. Фарҳунда Мандонова, Гулчеҳра Қайюмҷонова ва Гулчеҳра Назирова аз зумраи онҳоянд.

Дар ин донишгоҳ тавонистам бо Шаҳноза Бобораҷабова аз ноҳияи Сариосиё, Сабрина Сафарова ва Озода Сатторова аз ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё, Марғуба Тӯхтаназарова аз ноҳияи Чусти вилояти Намангон низ шинос ва дугонаҳои қарин шавам. Ҳоло қисме аз ҳамсабақонам дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ машғули тадрис хоҳанд шуд. Қисмати боқимонда мувофиқи табъ ва хостаи худ сари ягон кору вазифаи дигарро хоҳанд гирифт.

Худи ман ба мактабе бармегардам, ки 11 соли тамом дар он таҳсил кардаам. Ин мактаб ва омӯзгорони он бароям хеле азизу муқаддас мебошанд. Соли 2022 онро бо медали тилло хатм намуда будам. Ин мактаби таҳсилоти умумии рақами 13-ум аст, ки чанде муқаддам дар пурсишномаи «Овози тоҷик» ҷойи нахустро ишғол намудааст ва соҳиби ташаккурномаву мукофотҳои зиёди он гардидааст.

Омӯзгор, новобаста аз он ки аз кадом фан сабақ медиҳад, бояд адабиёти бадеӣ хонад. Хусусан, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик вазифадор мебошад, ки донишу маҳорати худро маҳз ба воситаи асарҳои хондааш такомул бахшад.

Гузашта аз ин, дар иҷрои мақсаду мароми худ ҳаргиз устувориро аз даст нахоҳам дод ва талош хоҳам кард, ки собитқадам бошам ва бо истифода аз маслиҳату машварати омӯзгорони пуртаҷриба ба наслҳои наврас дониши хуб диҳам, дар тарбияи онҳо низ саҳми худро гузорам.

**Ҳумоюн ЗОКИРОВ, ғолиби якчанд озмун ва намоишгоҳҳои байналмилалӣ аз ноҳияи Риштон:**



– Ман дар шаҳри Риштон зодаву парварда шудаам. Ин шаҳр аз замонҳои қадим бо кулолгарии худ машҳур шудааст. Аз хонаводаи мо касе ба ин навъи ҳунар машғул нашудааст. Аммо ман аз хурдӣ ба ин касб сахт дил бастаам, дар корхонаи ҳунармандии устои машҳури риштонӣ Алишер Назиров ҳамчун шогирд фаъолиятамро оғоз намудам.

Дар қадами аввал устодам амр карданд, ки лойкуниро ёд гирам, зеро оғози ҳамаи корҳои кулолгарӣ аз ҳамин лойхелӣ маншаъ мегирад. Дар рӯзҳои аввал аз лойхелиҳои ҳамешагӣ дилбазан мешудам, аммо дар аҳди худ устувор будам, то устои хуби ин касб шавам. Баъд оҳиста ба хушк кардани ашёи шаклдор машғул шудам. Сонӣ онро дар ангоб тар карда, дубора хушк мекардам ва дар оташ мегузоштам.

Аз устодам хоҳиш кардам иҷозат диҳад, ки раванди марҳилаҳои баъдиро низ омӯзам ва ба он машғул шавам. Медидам, ки дар марҳилаи дигар ашёро ранг мекунанд ва рӯйи он нақшҳо мекашанд.

Рӯзе устодам гуфт, ки баъди ду-се рӯз озими Русия мешавад ва маро ҳамроҳи худ мебарад. Аз хурсандӣ дар курта нагунҷидам. Бо машварати ӯ таҳсилро дар Академияи ҳайкалтарошии Красноярск шурӯъ намудам. Дар он ҷо аз устодам Александр Ткачук нозукиҳои касби ҳайкалтароширо азхуд намудам. Вақте ки ба Риштон баргаштам, мустақим ба назди Назиров омадам ва гуфтам, ки ба шогирдии худ идома медиҳам.

Риштон ҷойи асосии кулолгарони номист ва дигарон маҳз аз таҷрибаи онҳо баҳраманд мешаванд. Вале зимни сафар ба Маскав дидам, ки аз минтақаҳои гуногуни олам кулолон ҷамъ омадаанд ва асрори ҷанбаҳои нозуки ин касби барои мо ниёкониро низ байни худ муҳокима мекунанд. Ба онҳо пайвастам ва касбамро такмил додам.

Шогирдони сершумори Назиров аллакай мустақилона машғули кулолгарӣ мебошанд. Устод ҳамеша як нуктаро барои мо – шогирдони худ таъкид меварзанд: «Шумо, ҷавонон, фарзандони истиқлолед ва барои ин ҳамеша шукр гузореду аз тахти дил касбатонро такмил диҳед, барои шукуфоии ин Ватани азиз саҳм гузоред».

Ҳоло дар Риштонамон бо ташаббуси Президент Маркази ҳунармандон ташкил карда шудааст, ки даҳҳо нафар аҳли ҳунари кулолгарӣ ба шогирдони худ бо шавқу ғайрат асрори ин пешаро ёд медиҳанд.

Чанд бор дар намоишгоҳҳои Маскав, Томск, Красноярск, Иссиққӯл, Тошканд ва шаҳрҳои дигари Осиёи Марказӣ иштирок кардам. Аз ҷумла, дар намоишгоҳҳои байналмилалии Томск ва Новосибирск сазовори ҷои дуввум, дар Красноярск ҷои авввалро ишғол намудам. Соли 2022 дар шаҳри Тошканд Ҳафтаи санъат баргузор гардид ва маро бо медали тилло сазовор донистанд.

Вақте ки Президент Шавкат Мирзиёев ба шаҳристони нави Марғелон омаданд, мо низ дар баробари ҳунармандони дигари вилоят маҳсулоти худро ба намоиш гузоштем. Ифтихор кардам, ки Сарвари давлат аз растаи намоишгоҳи мо низ дидан карданд ва барои боз ҳам бештару беҳтар меҳнат кардан моро ташвиқ намуданд.

Мо таҳти роҳбарии устод Алишер Назиров ба шарафи 35-солагии истиқлоли давлатии Ӯзбекистон ба тавлиди якчанд намуди маҳсулоти хоси кулолгарӣ машғулем. Албатта, офаридаҳои худро дар таҷлили ин иди бузург ба намоиш хоҳем гузошт.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 2045. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 02.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.